# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест аз фанни таърих барои олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Ёдгории Шаҳри Сӯхта дар куҷо ҷойгир аст?**

**A)** Балх

**B)** Бухоро

**C)** Самарқанд

**D)** Систон

**2** **Дар оини Зардушт маъбади оташи муқаддас, ки барои ибодати мубадон (рӯҳониён) пешбинӣ шуда буд, чӣ ном дошт?**

**A)** Меҳрбарзин

**B)** Фаранбағ

**C)** Вараҳран

**D)** Муғпат

**3** **Дар арафаи забткории арабҳо сулолаи Офригидҳо дар куҷо ҳукмронӣ мекард?**

**A)** Самарқанд

**B)** Балх

**C)** Марв

**D)** Хоразм

**4** **Пайомади муҳорибаи Ҳурмузгон.**

**A)** Лашкари Сосониён шикаст хӯрд.

**B)** Сипоҳи араб шикаст хӯрд.

**C)** Давлати Ашкониён завол ёфт.

**D)** Лашкари Абусуфён аз мусулмонон шикаст хӯрд.

**5** **Дар аҳди Сомониён мансабдоре, ки амру фармонҳои амирро эълон мекард.**

**A)** надим

**B)** оғочӣ

**C)** пардадор

**D)** қаввол

**6** **Номи аслии Низомулмулк.**

**A)** Абубакр Рабии Бухороӣ

**B)** Абумуҳаммад Абдуллоҳи Диноварӣ

**C)** Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ

**D)** Ҳошим ибни Ҳаким

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**7** ***“Соли 1118 давлати бузурги Салҷуқиён асосан ба ду қисм ҷудо шуд. Ба қисми якум Эрони Ғарбӣ, Озарбойҷон ва Ироқ дохил шуданд, ки пойтахташ шаҳри ... буд”.***




**Шаҳреро, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**

**A)** 1
**B)** 3
**C)** 2
**D)** 4

**8** **Муаллифи “Таърихи Абулхайрхонӣ”.**

**A)** Фазлуллоҳ Рӯзбеҳхони Хунҷӣ
**B)** Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ
**C)** Муҳаммад Ҳакимхон
**D)** Муҳаммад Яъқуб

**9** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад: “*9-уми июли соли 1401 Темурланг ...-ро фатҳ намуда, ҳукми қатли ом дод. Дар натиҷа беш аз чил ҳазор сокинони шаҳр кушта шуданд*”?**

**A)** Исфаҳон
**B)** Севос
**C)** Деҳлӣ
**D)** Бағдод

**10** **Воқеаи соли 1897-ро муайян кунед.**

**A)** бунёди Ҷамъияти илмии Осиёи Миёна
**B)** нашри рӯзномаи «Туркестанские ведомости»
**C)** таъсиси расадхонаи замонавӣ дар Тошканд
**D)** таъсиси Шуъбаи туркистонии Ҷамъияти ҷуғрофии рус

РОЙГОН Дар сомонаи www...

**11** **Ба ҷойи Агентии сиёсии императории Русия кадом мақом созмон дода шуд?**

**A)** Ташкилоти ҳарбии Туркистон
**B)** Резиденсияи Русия дар Бухоро
**C)** Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ
**D)** Комиссияи Фавқулодаи Диктаторӣ

**12** **Барои убури дарёи Одер кадом сарбози Тоҷикистон ба унвони "Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ" сазовор гардид?**

**A)** Тӯйчи Эрйигитов
**B)** Эргаш Шарипов
**C)** Сафар Амиршоев
**D)** Раҳимбой Раҳматов

**13** **"Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ" аз Тоҷикистон.**

**A)** Баҳри Тоҳирова
**B)** Ойгул Муҳаммаҷонова
**C)** Низорамоҳ Зарипова
**D)** Гавҳарбӣ Пиракова

**14** **Дар Мисри Қадим идорае, ки ба ҷамъоварии андоз машғул буд, чӣ ном дошт?**

**A)** номарх
**B)** ном
**C)** хонаи нуқра
**D)** чатӣ

**15** **Пайомади муҳорибаи назди Куликоворо муайян кунед.**

**A)** Лашкари князи Рус Мстислав аз муғулҳо шикаст хӯрд.
**B)** Лашкари Рус бо сарварии Дмитрий Донской аз болои артиши муғул ғалаба ба даст овард.
**C)** Лашкари муғул бо сарварии Ботухон артиши русро торумор намуд.
**D)** Пётри I аз болои шведҳо ғалаба ба даст овард.

**16** **Рассом Салвадор Дали пайрави кадом ҷараён буд?**

**A)** сюрреализм
**B)** абсурд
**C)** постмодернизм
**D)** реализм

**17** **Мувофиқати воқеа ва шахсро муайян намоед:**

**A)** Ҷангҳои Юнону Форс
**B)** Шӯриш дар аҳди Дориюш
**C)** забти Бобул аз ҷониби Куруш
**D)** Ҷанги Пул

**1)** Балтасар
**2)** Ваймис
**3)** Мардони
**4)** Тарсалшоҳ
**5)** Баҳмани Дарозабрӯй

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**18** **Мувофиқати шӯриш ва давлатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Шӯриши Фомаи Славянӣ | **1)** Ҳиндустон |
| **B)** Шӯриши Патрон Халил | **2)** Чин |
| **C)** Шӯриши Абрӯсурхон | **3)** Туркияи Усмонӣ |
| **D)** Шӯриши сипоҳиён | **4)** Бразилия |
| | **5)** Византия |

**19** **Рӯйдодҳои таърихиро аз рӯйи тартиби хронологӣ пайдарпай ҷо ба ҷо гузоред:**

**1.** "Исёни Вабо"
**2.** Шӯриши Восеъ
**3.** Шӯриши Эшони Дукчӣ
**4.** хуруҷи коргарони кони Заврон-Киштут

**Дар катакҳо рақами ҷавобҳоро ба тартиби дурусти пайдарҳамӣ нависед.**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**20** **Воқеаҳои давраи ташкилёбии ИМА-ро ба тартиби хронологӣ пайдарпай ҷо ба ҷо гузоред:**

**1.** «Чойнӯшӣ дар Бостон»
**2.** қабули Конститутсияи ИМА
**3.** тирборонкунии аҳолии Бостон аз тарафи англисҳо
**4.** қабули «Эъломия дар бораи истиқлолият»

**Дар катакҳо рақами ҷавобҳоро ба тартиби дурусти пайдарҳамӣ нависед.**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**21** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***"... зодаи Ғарми Тоҷикистон буд. Дар муҳорибаҳои Сталинград ҳамчун командири танки вазнини "КВ" ҷангидааст. Ӯ бо ордену медалҳои "Ҷанги Ватанӣ"-и дараҷаи I, "Ситораи Сурх" ва "Барои мудофиаи Сталинград" сарфароз гардонида шудааст"*****?**

**Ҷавоб:** ____________________

**22** **Сухан дар бораи кадом созмони ҷамъиятӣ меравад:** ***"Дар бунёди арзишҳо ва суннатҳои муштараки таърихию фарҳангии тоҷикон ва форсизабонон бо манзури густариш ва таҳкими муносибатҳои дӯстона таъсис ёфтааст"*****?**

**Ҷавоб:** ____________________

**23** **Мақсади таъсиси "Ҷамъияти Исо" ("Ордени иезуитҳо") аз ҷониби Папаи Рум.**

**Ҷавоб:** ____________________

**24** **Матн моҳияти кадом истилоҳро ифода мекунад:** ***"Дар асоси шартномаи байналхалқӣ пурра ё қисман барҳам додани саноати ҳарбӣ, пойгоҳу истеҳкомҳои низомӣ ва кам кардани қувваҳои мусаллаҳ"*****?**

**Ҷавоб:** ____________________

ДАР СОМОНАИ www.ntc.tj РОЙГОН!

## КОРИ ХАТТӢ

**1. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи дарё, шахс, ташаббуси байналмилалӣ ва иттиҳод*)-ро нависед.**

а) Юнониён дар аҳди қадим рӯди Ому (Вахш)-ро _______________ меномиданд.

б) Соли 1501 мардуми шаҳри Қароқӯл дар наздикии Бухоро ба муқобили _________________________ исён бардоштанд.

в) Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи умумии СММ соли 2013-ро "__________________________________________________________" эълон намуд.

г) Соли 1951 дар шаҳри Париж давлатҳои Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва ҶФО дар бораи таъсиси ______________________________________ __________________ аҳднома бастанд.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол.

**2. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи шахс, сулола, маҳал ва унвони қонунҳо*)-ро нависед.**

а) Соли 539 пеш аз милод лашкари ориёиҳо (Ҳахоманишиҳо) дар назди шаҳри Опис ба сипоҳи Бобул, ки онро писари Набонид ___________________ фармондеҳӣ мекард, ба ҷанг даромад.

б) Дар натиҷаи кушта шудани Тағотемурхон ҳукмронии садсолаи сулолаи ___________ __________________ дар Эрон ба охир расид.

в) 25-уми марти соли 1913 дар ________________________ байни Аморати Бухоро ва Туркистони Шуравӣ созишномаи сулҳ имзо гардид.

г) Дар аҳди императори Рум Адриан маҷмуи қонунҳо бо номи "____________________" мураттаб гардид.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол.

**3. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи шахс, истилоҳ, сол ва сулола*)-ро нависед.**

а) Соли 760 пеш аз милод модҳо бо сарварии __________________ шӯриш бардошта, худро мустақил эълон намуданд.

б) Дар аҳди Ашкониён ғуломони азалиро, ки аз насл ба насл ғулом буданд, "______________________" ном мебурданд.

в) 1-уми декабри соли _________ дар бинои "Хонаи деҳқон"-и шаҳри Душанбе Анҷумани якуми Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон кори худро оғоз намуд.

г) Асосгузори сулолаи ____________ дар Чин Ли Юан ё худ Гаотси буд.

> **!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**4. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (*номи шахс, асар муассисаи илмӣ ва мақоми ҳокимият*)-ро нависед.**

а) Барои пахши шӯриши Ваҳяздод Дориюш сарлашкари худ _____________ фиристод.

б) Муаллифи асари “_________________________” Муҳаммадюсуфи Муншӣ мебошад.

в) Аввали соли 1933 дар Душанбе _____________________________________________ ____________________________________ ба фаъолият шуруъ кард.

г) 12-уми декабри соли 1925 ________________ мансаби шоҳи Эронро ба Ризошоҳи Паҳлавӣ меросӣ эълон намуд.

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

**5. Матни китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” (*сол, номи воҳиди маъмурӣ, шахс ва сулола*)-ро пурра кунед.**

«*Соли _______ дар музофоти __________________ дастаи дуҳазорнафараи хориҷиён бо сарварии _____________________________ сар бардошта, молу сармояи заминдорони калон, ашрофон ва ҳокимони дастнишондаи тоҳириро мерабуданд.*

*... даъвои тахти хилофат намуда, ба худ номи халифа “Мутавакил”-ро пазируфта буд ва хонадони ________________-ро ба бидъату риоя накардани аркони ислом гунаҳкор мешумурд».*

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

**6. Аз рӯйи мазмун истилоҳро ёфта, онро нависед.**

| **Мазмуни истилоҳ (мафҳум, ибора, падида ва ғ.)** | **Истилоҳ** |
|---|---|
| Ташкилоти касбию сиёсии пролетарҳо ва нимпролетарҳои деҳоти Осиёи Миёна буд, солҳои 1929-1932 фаъолият дошт. | |
| Дар ибтидои асри XIX заминҳои вақф, ки фоидаи онҳо ба нафъи ҷамъият – сохтмон ва таъмири роҳҳо, пулҳо ва ғайраҳо истифода мегардид. | |
| Дар Аморати Бухоро андозеро, ки барзгарон ва ҳунармандони дар кори таъмири ҷуйбору дарғотҳо иштирок намекарданд, месупориданд. | |
| Дар низоми каставии Ҳиндустон табақаи пастарин ба шумор мерафт ва аъзои он беҳуқуқтарин буда, корҳои аз ҳама ношояму ифлос ва камарзишро иҷро мекарданд. | |

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj